# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Буриев Бахтиёр Болтаевич дар мавзуи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионие, ки унвонҷӯй Буриев Б.Б. интихоб ва мавриди таҳқиқ қарор додааст, бешубҳа дар заминаи вазифаҳои муосири илми педагогика хело муҳим ва арзишманд мебошад. Дар шароити дигаргунсозии низоми таълиму тарбия, афзудани талабот ба сифати таълим ва зарурати ташаккули шахсияти наврасону ҷавонон, бахусус, хонандагони босалоҳият ва қобилиятнок дар ҷомеаи муосир, омӯзиши мавзуъи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ» аҳаммияти хосса пайдо мекунад. Бояд қайд намуд, ки унвон□□ самти таҳқиқоти илмиро хело ҳам амиқ интихоб намудааст ва мавзуи мазкур имкон медиҳад, ки дар рушди назария ва амалияи педагогикаи ватанӣ саҳм гузорад.

Аз ин рӯ, унвонҷӯй Буриев Бахтиёр аз нигоҳи мо, мавзуи рисолаи диссертатсиониро дуруст интихоб намуда, то андозае барои ҳалли мушкилоти дар соҳаи таълими математика ҷойдошта таҳқиқоти арзишмандро ба анҷом расонидааст.

Аз тарафи муҳаққиқ мақсади асосии таҳқиқот дуруст муайян карда шудааст ва он аз таҳия ва ба таври озмоишӣ санҷидани самаранокии модели дидактикии ташаккули қобилиятҳои эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ мебошад.

Дар ҳақиқат дохил кардани дастовардҳои математикони асримиёнагии Шарқ ба раванди омӯзиши математикӣ ба ташаккули робитаҳои байнифаннӣ мусоидат карда, имкон медиҳад, ки математика бо таърих, фарҳангшиносӣ ва ҳатто санъат ҳамгиро карда шавад ва ин омӯзишро шавқовартару пурмазмунтар мегардонад. Ин равиш фаъолияти маърифатии хонандагонро бештар намуда, онҳоро ба корҳои илмӣ ва илмии эҷодӣ ҳавасманд менамояд.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва мавзуъ (предмет)-и он дуруст муайян карда шуда, дар диссертатсия дар заминаи равиши илмии асоснок корҳои назариявӣ ва озмоишӣ-таҳқиқотӣ пай дар пай ҳалли худро ёфтаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он аст, ки дар он муаллиф бори нахуст истифодаи мероси математикии олимони асримиёнагии Шаркро усули асосии ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ пойгоҳи таҳқиқотӣ ва мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор додааст, ки барои кулли ин намуд таълимгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти назариявӣ, методӣ ва амалӣ дорад. Илова ба ин собит карда шудааст, ки мероси математикии

олимони асримиёнагии Шарқ манбаи беназири супоришҳо, усул ва ғояҳоест, ки ба рушди тафаккури эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат мекунад. Ин мавод воситаи пурқуввате барои ташаккули тафаккур, малакаҳои таҳлилию таҳқиқотӣ ва пеш аз ҳама барои ташаккули қобилияти эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аст.

Матни рисола бо забони равшану аз ҷиҳати илмӣ асосноки тоҷикӣ навишта шудааст. Истилоҳоти он дуруст истифода шуда, вайронкунии услубӣ ва мантиқӣ ошкор нашудааст. Бояд қайд намуд, ки муҳтавои диссертатсия фарҳангӣ баланди академии муаллифро нишон медиҳад.

Хулоса, диссертатсияи Буриев Бахтиёр Болтаевич дар мавзуи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (тағйиру илова аз 26.06.2023, №295)) мутобиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01− Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқарриз,
номзади илмҳои педагогӣ,
муовини сардори раёсати
томактабии Вазорати маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон: Муҳиддинзода Қутбиддин

18.08.2025

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Нисор Муҳаммад 13, Тел:(+992) 939878802.
E-mail: kutbiddin- 1974@mail.ru

Имзои Муҳиддинзода Қутбиддин–ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Вазорати маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон: Саъдуллозода Ш.